# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

**Мубраммияти мавзуи таҳқиқот.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионие, ки Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид пешниҳод намудааст, бешубҳа дар заминаи вазифаҳои муосири илми педагогика хело муҳим ва арзишманд мебошад. Дар шароити дигаргунсозии низоми таълиму тарбия, афзудани талабот ба сифати таълим ва зарурати ташаккули шахсияти наврасону ҷавонон, бахусус хонандагону донишҷӯён ва ҷомеаи муосир, омӯзиши мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Бояд қайд намуд, ки диссертант самти таҳқиқоти илмиро хело ҳам амиқ интихоб намудааст ва мавзуи мазкур имкон медиҳад, ки дар рушди назария ва амалияи педагогикаи ватанӣ саҳм гузорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.**

Баррасии адабиёт аз дониши хуби муҳаққиқ дар бораи вазъи кунунии таҳқиқоти илмӣ оид ба мавзуи мавриди омӯзиш собит менамояд, ки равишҳо, мафҳумҳо ва дидгоҳҳои асосии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Х. Афзалов, М. Лутфуллозода, Қ. Қодиров, Файзалиев Ҷ.Х., Ф. Шарифзода, М. Каримова, А. Паҳлавонова, С. Сулаймонӣ, З. Тоҳирова ва дигарон инъикос ёфтаанд, ки ба муаллифи диссертатсия имкон дод интихоби стратегияи таҳқиқотиро асоснок карда, навгонии илмии кори худро нишон диҳад.

**Мақсад, вазифаҳо ва методологияи таҳқиқот.**

Мақсади омӯзиш возеҳ ифода шудааст, вазифаҳо аз он мантиқан бармеоянд, ки асоси методологии кор дар ҳаҷми кофӣ пешниҳод гардида, интихоби усулҳои таҳқиқот асоснок ва нақши тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик муайян карда шудааст. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян карда шуданд: мураттаб сохтани феҳристи омилҳои муҳими муҳити беруна (аз ҷумла шароити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ) аз нигоҳи таъсири онҳо ба ташаккули ҷаҳонбинии Балхӣ ва консепсияи педагогии ӯ; муайян ва пайгирӣ намудани таъсири афкори педагогии Балхӣ ба афкори касбӣ ва

барқарор намудани муносибатҳои наслҳои минбаъдаи омӯзгорони ҷавон, ки ба ташаккули принсипҳои башардӯстӣ дар самти инкишофи педагогика ҳамчун як ҷузъи фарҳанги башар таъсир расонидаанд; муайян намудани низоми қоидаҳо ва меъёрҳои хоси ҷаҳонбинии Балхӣ, ки мазмуни консепсияи педагогии ӯро бо назардошти низоми арзишҳои таърихан муқарраршуда муайян кардааст.

Вобаста ба ин, дар раванди таҳқиқот методу усулҳои зерин мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд: усули муқоисавӣ-таърихӣ, усули дедуктивӣ санҷиши эътимоднокии тахминҳои пешниҳодшуда, усули мушоҳидаи педагогӣ, усули таҳқиқоти назариявӣ, усули амалӣ барои муқоиса ва омӯзиши назариявии сарчашмаҳои таърихӣ. Истифодаи онҳо ба муаллиф имкон дод, ки натиҷаҳои боэътимод ва назаррас ба даст оварад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби диссертант аввалин маротиба дар дар таҳқиқоти илмӣ-педагогии муосир дастовардҳои мутафаккири бузургро аз нигоҳи усулҳои муосири герменевтикии педагогӣ (таҳлили матн) ва консепсияи маорифи милливу умумибашарӣ ҳаматарафа мавриди баррасӣ ва таҳлили амиқи илмӣ карор додааст. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, муаллифи диссертатсия мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир»-ро бори аввал дар илми педагогикаи ватанӣ ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш. таҳқиқ ва тахдили амиқи илмӣ қарор додааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** имкон медиҳад, ки мавод ва натиҷаҳои бадастомада дар раванди таҳқиқи минбаъдаи масъалаи инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил ва навиштани диссертатсияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва маводи семинар барои донишҷӯён аз фанҳои педагогика, таърихи педагогика ва адабиёт мусоидат хоҳад кард. Инчунин, тавсияҳо, барномаҳо ва усулҳои таҳияшударо омӯзгорон, методистҳо ва устодони донишгоҳҳо дар раванди фаъолияти педагогӣ метавонанд истифода кард.

**Сохтор ва мундариҷаи диссертатсия.**

Сохтор ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 165 номгӯй иборат буда, матни кор дар 223 саҳифаи компютерӣ чоп шудааст.

**Услуб ва забони муаррифии матн.**

Матни рисола бо забони равшан ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок навишта шудааст. Истилоҳот дуруст истифода шуда, вайронкунии услубӣ ва мантиқӣ ошкор нашудааст. Бояд қайд намуд, ки муҳтавои диссертатсия фарҳангӣ баланди академии муаллифро нишон медиҳад.

**Хулоса**, диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи "Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир" ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои педагогӣ,
директори Маркази ҷумҳуриявии
таълимию методии назди
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Шавкат Карим

« 18 » июни соли 2026.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 5;
тел.: +992 938039392;
Суроғаи электронӣ: shavkatnormatov@mail.ru

Имзои Каримзода Ш.К.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти кадрии
ва корҳои махсуси МҶТМ ВМҶТ Кабутов Л.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроғаи муассиса:
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. А. Дониш, 50,
тел.: (+992 ) 222-16-02, 222-19-02;
Суроғаи электронӣ: t.metodi@maorif.tj